# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи **Сафарзода Муллоохун Бурҳонӣ** дар мавзуи «Иртиботи забони «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ бо гӯйишҳои муосири тоҷикӣ (лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубӣ)**»,** ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) пешниҳод гардидааст.

Дар забоншиносии муосир баррасии ҷанбаҳои гуногуни забон, аз ҷумла, иртиботи шеваҳои забони тоҷикӣ бо забони осори намояндагони адабёти классикии тоҷик яке аз мавзуъҳои муҳим аст. Аз ин рӯ, муҳаққиқони забоншинос барои муайян намудани вижагиҳои калимаҳо ва ташаккулу таҳаввули онҳо дар давраҳои гуногуни таърихӣ равиши алоҳидаи таҳқиқро интихоб менамоянд. Омӯзиши таркиби луғати осори классикӣ ва муқоисаи он бо гӯйишҳои муосири забони тоҷикӣ яке аз масъалаҳои нав ва ҳанӯз ба таври ҷиддӣ омӯхтанашуда ба шумор меравад. Кори диссертатсионии Сафарзода Муллоохун Бурҳонӣ ба масъалаи мазкур иртибот дошта, мубрам арзёбӣ мешавад. Диссертатсия ба мавзуъҳои таърихи забони адабии тоҷикӣ, вожашиносӣ (лексикология), луғатнигорӣ (лексикография), решашиносӣ (этимология), шевашиносӣ ва ихтисоси илмии 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) мутобиқ мебошад.

Мубрамии мавзуи диссертатсияи Сафарзода М.Б. дар он зоҳир мешавад, ки ҳанӯз луғати осори пешиниён бо гӯйишҳои муосири забони тоҷикӣ муқоиса нагардида, нигаҳдошт ва корбурди онҳо дар лаҳҷаҳо ба таври кофӣ таҳқиқ нашудааст. Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар пажӯҳиши ин масъала аз он иборат аст, ки муҳаққиқ бори аввал маводди луғавии осори Абдурраҳмони Ҷомиро ба риштаи таҳқиқ кашида, онро бо шеваҳои забони тоҷикӣ муқоиса менамояд. Масъалаҳои дар кори диссертатсионӣ таҳлилшуда бо кумаки роҳбари илмӣ тарҳрезӣ шудааст. Диссертант дар заминаи маводи фактологии аз «Нафаҳот-ул-унс» бадастовардааш хусусиятҳои пойдормонии калимаҳои эрониаслу иқтибосии асари мазкурро дар лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ нишон додааст.

Саҳми муаллиф дар он аст, ки дар асоси таҳқиқоти илмии олимону муҳаққиқони ватанию хориҷӣ асосу заминаҳои амалию назариявии таҳқиқро муайян кардааст ва як силсила аносири луғавии тазкираи Абдурраҳмони Ҷомиро бо лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубӣ муқоиса карда, хулосаҳои хешро бо далелу санадҳо асоснок намудааст.

Муҳаққиқ моҳияти масъалаи омӯзиши хешро дуруст дарк намуда, ба қадри имкон масоили марбут ба онро таҳлил кардааст ва бо дарназардошти методологияи таҳқиқи кори илмӣ мавзуи баррасишавандаро дар шакли муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёт ба қолаб даровардааст.

Дар муқаддимаи диссертатсия мувофиқи муқаррарот мубрамии мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет, асосҳои назариявӣ ва асосҳои методологии таҳқиқ, навоварии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти

назариявӣ ва амалӣ, моҳияти амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ ва ғайра оварда шудаанд.

Боби якуми диссертатсия «**Вижагиҳои вожаҳои аслии мансуб ба исму сифати «Нафаҳот-ул-унс» дар лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубӣ**» ном дошта, аз се фасл иборат аст. Дар боби мазкур матолиби муқаддимотии марбут ба соҳаи пажуҳиш баррасӣ гардида, хусусиятҳои маҳфузмонии калимаҳои аслии мансуб ба исму сифати дар «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ мавҷуда бо лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубӣ мавриди муқоиса қарор гирифтааст. Вожаҳои *бозаргон, ғирев, залла, батар, пок* ва амсоли инҳо, ки имрӯз дар забони адабии муосир ва лаҳҷаҳои мавриди пажӯҳиш мустаъмаланд, аз ҷиҳати ифодаи маъно ва истеъмол бо истифодаи далоили илмии забонӣ шарҳ ёфтаанд. Ҳамчунин, ин вожаҳо аз ҷиҳати мансубият ба ҳиссаҳои нутқ, аз ҷумла исму сифат тасниф шудаанд.

Боби дуюми кори таҳқиқӣ – «**Вижагиҳои вожаҳои аслии мансуб ба ҷонишин, феъл ва зарфи «Нафаҳот-ул-унс» дар лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубӣ**» аз чаҳор фасл ва як зерфасл иборат буда, дар ин бахшҳо калимаҳои аслии мансуб ба сифат, ҷонишин ва феъл баррасӣ ва муқоиса гардидаанд.

**«Вижагиҳои калимаҳои иқтибосии «Нафаҳот-ул-унс» дар лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубӣ»** дар боби сеюми кори диссертатсионӣ баррасӣ гардидааст. Дар чаҳор фаслу чаҳор зарфасли боби мазкур масъалаҳои зерин: собиқаи роҳёбии аносири иқтибосӣ ба таркиби луғавии забон, таҳқиқи вомвожаҳо дар заминаи маводди гӯйишҳои кунунии тоҷикӣ ва таҳқиқи муқоисавӣ-таърихии калимаҳои арабии мансуб ба исм, сифат, зарф ва феъли дар «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ дучороянда бо лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубӣ баррасӣ шудаанд.

Довталаби дараҷаи илмӣ хулосаҳояшро дар 15 банд баён намудааст, ки моҳияти асосии диссертатсияро фаро мегирад.

Пажӯҳиши мазкур арзиши баланди илмӣ дошта, он дар забоншиносии тоҷик аввалин таҳқиқи диссертатсионие мебошад, ки ба таҳқиқи муқоисавии аносири луғавии куҳанбунёди гӯйишҳои муосири забони тоҷикӣ бахшида шудааст.

Дар радифи дастовардҳои назарраси илмӣ дар автореферати диссертатсия баъзе норасоиҳо низ мушоҳида мегарданд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Дар автореферати рисола дар баъзе мавридҳо қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №268 тасдиқ шудааст, риоя нашудааст (масалан, “гӯиш” ба ҷойи “гӯйиш” – саҳ. 3, “чӣ гунае” ба ҷойи “чи гунае” – с.3 ва ғ.). Ҳамчунин, нодуруст истифода гардидани баъзе вожагон ба назар мерасад (маслан, истифодаи “тадқиқ” ба ҷойи “таҳқиқ” – с.3, 4...).

2. Дар қисми русии автореферат корбасти баъзе истилоҳот чандон саҳеҳ ба назар намерасад.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки норасоиҳои ишорашуда ҷузъиянд ва ба сифати илмии кор нуқсони ҷиддӣ ворид намекунанд.

Мақолаҳои интишорнамудаи муаллиф мазмуни рисола ва авторефератро ифода менамоянд.

Ҳамин тариқ, таҳқиқи диссертатсионии Сафарзода Муллоохун Бурҳонӣ дар мавзуи **«Иртиботи забони «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ бо гӯйишҳои муосири тоҷикӣ (лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубӣ)»** пажӯҳиши арзишманди саривақтӣ дар илми забоншиносии тоҷик ба ҳисоб рафта, муҳтавои илмии он ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст. Вобаста ба афзалиятҳои зикршуда муаллифи рисола барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) сазовор ва арзанда мебошад.


**Тақриздиҳанда**:
номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи таърихи забон
ва типологияи Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон Камолзода Х.М.

Суроға: 734029, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
кӯчаи Валаматзода, бинои 21А, ҳуҷраи 33.
Тел.: (+992) 90 772 47 06
E-mail: khkamolov@gmail.com


Имзои дотсент Х.М. Камолзодаро тасдиқ
мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.


**Суроғаи муассиса**:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.
Телефон: (+992 -37) 221-77-11
E-mail: info@tnu.tj


02- сентябри **соли 2025**